«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои таърих, профессор Ҷӯразода Ҷамшед Хабибулло
________________
«28» апрели с.2018

**ХУЛОСАИ**

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Рисолаи номзадии Тағоева Ситора Мирхакимовна "Асосҳои назариявӣ ва самарабахшии амалии мутобиқшавии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти педагогӣ" дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба анҷом расидааст.

Дар давраи омодагӣ ба таълифи рисола Тағоева С.М. ба сифати муаллимаи кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров фаъолият бурдааст .

Соли 2012 факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси омӯзгори забони англисӣ хатм намудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Тағоева С.М. аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров соли 2018 дода шудааст.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тайин шудааст.

Аз натиҷаи муҳокимаи рисола чунин қарор қабул карда шуд:

Мубрамияти мавзӯи рисола дар зарурати коркарди раванди

самараноки педагогӣ, ки мутобиқшавии омӯзгорони синфҳои ибтидоии бо дарки рисолати касбӣ ва эҳсоси баланди масъулият дар назди ҷомеа барои амалӣ намудани фаъолияти касбии худ ва мустақилона ба таври эҷодӣ иҷро намудани вазифаҳои педагогӣ, зоҳир мегардад, зеро номутобиқ будани омӯзгори навкори синфҳои ибтидоӣ ба шароити мактаби муосири таҳсилоти умумӣ боиси на танҳо зарарҳои иҷтимоӣ ва психологӣ, балки иқтисодӣ низ мегардад. Дар баробари ин коркарди нокифояи назариявию амалии масъалаи таҳқиқот мубрамияти онро собит менамояд.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Тағоева С.М. як қисмати муҳими нақшаи илмӣ-тадқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров буда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва методӣ, инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ва донишкадаҳо таҳия гардидааст.

Дар кори илмӣ асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; тасаввуроти назариявӣ дар бораи тафриқа ва мушаххас намудани мафҳумҳо аз қабили «мутобиқшавии касбӣ», «омӯзгори навкор», «омӯзгори синфҳои ибтидоӣ» густариш дода шуданд; шартҳои ташкилию педагогии аз ҷиҳати илмӣ коркардшуда ва озмудашуда оид ба мутобиқшавии омӯзгорони синфҳои ибтидоии мактаби ибтидоӣ ба фаъолияти педагогӣ пешниҳод гардиданд; ҷузъҳои муҳими инкишофдиҳанда дар низоми таҳсилоти мактаби олӣ, ки барои мутобиқшавии омӯзгорон барои фаъолияти педагогӣ дар мактаб

мусоидат менамоянд, муайян шуданд. Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳо дар заминаи методологияи диалектӣ тасвият ёфтаанд. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усулҳо, роҳу воситаҳои татбиқи онҳо аз вазифаҳое, ки ҷомеаи муосир дар назди кормандони соҳаи маориф вогузор менамояд, бармеоянд.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, арзёбии диалектологии раванди таълимӣ-педагогӣ, равшану возеҳ будани фарзияи (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар, муайян намудани хусусиятиҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда, нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок кунад. Дар бобати самаранокии технологияи педагогии аз тарафи муаллиф пешниҳодшуда, ки иборат аз ташкили курсҳои махсуси ҳамгиро, интихоби супоришҳои махсус, маводи озмоишӣ-таҷрибавии натиҷаи оморӣ дошта, хулосаҳои бадастомада аз таҷрибаи фаъолияти омӯзгорӣ мебошад, шаҳодат медиҳад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шартҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи тадқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф , таъмин гардидааст.

Навгонии илмии тадқиқот дар нуктаҳои зерин инъикос меёбад:

- мафҳумҳои “мутобиқшавии касбӣ”, “омӯзгори навкор”, “омӯзгори синфҳои ибтидоӣ” тадқиқ ва мушаххас гардиданд;

-зарурати идора намудани раванди мутобиқшавии омӯзгори навкори синфҳои ибтидоӣ барои амалӣ намудани фаъолияти касбии педагогӣ дар шароити мактаби таҳсилоти умумӣ асоснок шудааст;

-тарҳ (модел) ва технологияи ташкили мутобиқшавии омӯзгори навкори синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбии педагогӣ коркард ва санҷида шудааст;

-шартҳо ва омилҳои мусоидаткунанда ба самаранокии раванди мутобиқшавии касбию педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муайян гардиданд.

Аҳамияти назарии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назарии муаммо, ошкор намудани қонуниятҳои инкишофи нишондиҳандаҳои технологии ташкили мутобиқшавии касбии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ барои амалӣ намудани фаъолияти педагогӣ дар мактаби таҳсилоти умумӣ, инчунин таҳлили механизмҳои равонӣ ва педагогии таъмини самарнокии мутобиқшавии касбии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба раванди таълим ва технологияи марбут бо идоракунии давраи мутобиқшавии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ дар самти ворид шудани онҳо ба фаъолияти касбии педагогӣ саҳми муайян мегузорад.

Дар рисолаи илмӣ таҳлили илмӣ-педагогии тамоюлҳои ташкили раванди мутобиқшавии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбии педагогӣ ва усулҳои татбиқи он дар раванди мутобиқшавии касбии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти педагогӣ гузаронида шуд, инчунин омилҳои педагогии таъмини ҷараёни муваффақонаи мутобиқшавии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ошкор ва аз лиҳози назарӣ асоснок гардида, самаранокии модел ва технологияи ташкили мутобиқшавии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбии педагогӣ ба таври таҷрибавӣ омӯхта шудааст.

Арзиши амалии натиҷаҳои илмии тадқиқот дар коркард ва тасвиби махсусиятҳо ва технологияи мутобиқшавии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбии педагогӣ зоҳир мегардад. Дар таҳқиқот пешниҳод гардиданд: технологияи марбут бо идоракунии давраи мутобиқшавии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ дар раванди ворид шудани онҳо ба фаъолияти касбии педагогӣ; тавсияҳои илмию методие, ки ба ташаккули шахсияти омӯзгори навкори синфҳои ибтидоии сатҳи мутобиқшавиаш баланд мусоидат мекунанд; дар тадқиқот таъминоти ташкилию методӣ ва дидактикии марбут бо татбиқи мутобиқшавии бомуваффақияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мушаххас гардид.

Тавсияҳои педагогии дар рисола пешниҳод гардида метавонанд ба омӯзгорони макотиби илмӣ барои такмили мазмун ва мундариҷаи омода кардани омӯзгорони оянда дар самти мутобиқшавии муваффақонаи онҳо ба фаъолияти касбии педагогӣ кӯмаки амалӣ расонад.

Натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмӣ-назарии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, конференсияҳои анъанавии устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дар конференсияҳои илмӣ-назарии ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидаанд.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосоии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 6 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Қарор карда шуд:**

Кори диссертатсионии Тағоева Ситора Мирҳакимовна дар мавзӯи «Асосҳои назариявӣ ва самарабахшии амалии мутобиқшавии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти педагогӣ» дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талабот ва меъёрҳое, ки дар

Низомномаи тартиби додани дараҷаи илмӣ муқаррар гардидааст, ҷавобгӯ аст.

Кори диссертатсионии Тағоева Ситора Мирҳакимовна дар мавзӯи «Асосҳои назариявӣ ва самарабахшии амалии мутобиқшавии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ Элмуродова Садбарг Худойназаровна тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров қабул шудааст.

Дар ҷаласа 26 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 26 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" –нест. Қарор бо як овоз қабул шуд, суратҷаласаи №9 аз 28 апрели соли 2018.

Мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент                                        Элмуродова Садбарг
                                                Худойназаровна

28 апрели с.2018

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1
тел.(+992)927233378. почтаи элек. : Sadbarg_68@br.ru вебсайт: www.hgu.tj

Имзои С.Х.Элмуродоваро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров                                        Ашрапова З.Н.